# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи** ихтисоси **13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ).**

**Парвандаи аттестатсионии № ____________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз**
**13 сентябри соли 2025, №96**

Барои сазовор донистани Шарифова Санавбар Саъдулоевна шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ.

Диссертатсияи Шарифова Санавбар Саъдулоевна дар мавзуи «Нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих».

Аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) ба ҳимоя 19 июни соли 2025 қабул карда шуд, протоколи №68-ИҲ-и шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2; бо фармоиши КОА аз 06.09.2024, №321/шд таъсис ёфтааст).

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Шарифова Санавбар Саъдулоевна 18.04.1979 таваллуд шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ соли 2018 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро бо ихтисоси таърих-ҳуқуқ, омӯзгори фанҳои таърих ва ҳуқуқ (**дипломи ДТО №0228882**) хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатии Шарифова Санавбар Саъдулоевна аз соли 2008 то 2010 ба ҳайси коргузори проректори Донишгоҳи давлатии технологии Тоҷикистон, солҳои 2010-2015 ба ҳайси мудири хобгоҳи Донишгоҳи давлатии технологии Тоҷикистон, солҳои 2016-2018 лаборанти кафедра дар Донишгоҳи давлатии технологии Тоҷикистон, солҳои 2018-2019 мудири хобгоҳи Коллеҷи техникӣ-компютерӣ дар шаҳри Душанбе, соли 2020 коргузори шуъбаи кадрҳои Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, солҳои 2021-2022 ходими калони илмии шуъбаи тайёркунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи

таҳсилоти Тоҷикистон кору фаъолият кардааст. Аз соли 2023 инҷониб фаъолияташро ба ҳайси ходими калони илмии шуъбаи мактабҳои камнуфус ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии таҳсилоти ақаллиятҳои миллии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон идома бахшида истодааст.

Шарифова Санавбар Саъдулоевна солҳои 2020-2022 ҳамчун унвонҷӯйи шуъбаи тайёрнамоии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) (фармоиши қабул аз 15.04.2020, №48) корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бурдааст.

Мавзуи кори диссертатсионии Шарифова Санавбар Саъдулоевна дар мавзуи «Нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих», дар ҷаласаи шурои олимони Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 05.05.2012, №04 тасдиқ шудааст.

Диссертатсия дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: Раҳимзода Хуррам – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, ходими пешбари илмии шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

Давлатзода Ҷамила – доктори илмҳои педагогӣ, директори Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии техникии ноҳияи Шаҳринав»;

Шарифов Муҳсин Ғаффорович – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

Муассисаи пешбар: Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ».

Дар хулосаи мусбат додашуда аз 25.08.2025, протоколи №10/7, ки онро раиси ҷаласа, Мансурова Ҷамила – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Самиев Тоҳирҷон ва котиби ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ Арбобова Ф.

имзо карда, ректори Донишгоҳи мазкур - доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло тасдиқ кардааст, ба диссертатсия дар умум баҳои мусбат дода, аз он ҷумла, иброз кардааст, ки «...аз тарафи Шарифова Санавбар Саъдулоевна интихоб намудани таҳқиқи илмии «Нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих» мубрам ва саривақтӣ буда, он барои ошкорсозӣ, асосноккунии назариявию амалии истифодаи нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих, тағйиру такмилёбии арзишҳои маънавӣ-ахлоқии миллӣ зарур ва саривақтӣ мебошанд.

Дар раванди кори таҷрибавӣ-озмоишӣ амалӣ гардондани мақсаду вазифаҳои таҳқиқотӣ имконият медиҳад арзишмандии тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих санҷида ва натиҷаҳои он минбаъд дар таҷрибаи тарбияи наврасон истифода гардида ба рушду такомули педагогикаи ватанӣ мусоидат намояд».

Фаъолияти пурсамар ва заҳматҳои муҳаққиқ, имконият додааст навгониҳои илмӣ чун бозёфти арзишманди рисолаи илмӣ арзёбӣ карда шавад. Ин таҳқиқот ва таҳлили илмии мукаммалест, ки ба омӯзиш ва баррасии мавзуи нақши арзишҳои миллӣ ва хусусиятҳои табиии тарбияи худшиносии хонандагон дар раванди таълими фанни таърих бахшида шудааст. - дар раванди таҳқиқот кӯшиш карда шудааст, ки масъалаҳои асосии тарбияи хештаншиносӣ ва нақши ҳувияти миллӣ дар раванди таълими замони муосир, ки аҳамияти ҷиддӣ дорад, ба таври амиқ муайян ва таҳлил карда шаванд. Дар ин равиш, диққат ба рушди ҳисси масъулият ва эҳсоси ватанпарастӣ дар байни хонандагон, ки ояндаи ҷомеаро ташаккул медиҳанд, равона гардидааст.

Дар замони таъсири ҷаҳонишавии фарҳангҳо ва тараққиёти илму техникаи муосир, ки сарҳадҳои муоширати халқу миллатҳоро барҳам медиҳанд, эҳтиёҷ ба ҳувияти миллӣ ва тарбияи хештаншиносӣ шарт ва зарур аст. Барои илми педагогикаи тоҷик тадқиқоте, ки доир ба нақши ҳувияти миллӣ ва тарбияи худшиносӣ зимни таълими фанни таърих ба анҷом расонидан, аҳамияти бузурге доранд. Анҷоми таҳқиқ ва омӯзиши пурраи илмӣ оид ба нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи худшиносии хонандагон дар раванди таълими фанни таърих дар илми педагогикаи тоҷик аҳамияти назариявӣ ва илмӣ хоҳад дошт.

Дар анҷом бояд қайд кард, ки дастоварди таҳқиқоти мазкур аз инҳо бармеояд: риоя намудан ба методологияи таҳқиқоти илмӣ, истифодабарӣ аз таҳқиқотҳои илмии фалсафӣ, сотсиологӣ, психологӣ, педагогӣ, такя намудан ба заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии тарбияи хештаншиносӣ, таҳлили мафҳумҳои калидии мутааллиқ ба масъалаи таҳқиқотӣ, истифодаи мақсадноки маҷмӯи

методҳои самарабахши таҳқиқотӣ, ки онҳо иҷрои мақсад, вазифа, фарзияи илмӣ ва мантиқи гуногунҷабҳаи (иҷтимоӣ, психологӣ, педагогӣ) масъалаи таҳқиқотӣ мувофиқат намудан, ки кулли онҳоро муҳаққиқ метавонад дар таҳқиқотҳои минбаъда истифода барад.

Мазмун ва муҳтавои кори таҳқиқотӣ дар интишороти муҳаққиқ дар масъалаҳои тасдиқнамуда КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, дастури таълимӣ-методӣ, мақолаҳо дар маҷмуаҳо аз конференсияи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба мазмун ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мувофиқат менамоянд. Инчунин, муҳаққиқ кӯшиш намудааст аз таҳқиқотҳои олимони ватанӣ, аз адабиётҳо бо забони тоҷикӣ истифода намуда бо нутқи хаттии фаҳмо фикру ақидаҳои худро иброз намояд.

Инчунин, қайд гардидааст, ки Шарифова Санавбар Саъдулоевна довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 13 интишороти илмӣ, аз ҷумла, 7 номгӯй мақолаҳои илмии зерин оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

[1-М] Шарифова С. С. Асосҳои педагогии тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи эҷодкориву созандагӣ [Матн] / С. С. Шарифова // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф: №1.(33), - Душанбе - 2021. - С.112-119.

[2-М] Зарифӣ Н., Шарифова С. Тарбияи иҷтимоӣ ва мутобиқшавии инсон ба ҳаёти иҷтимоӣ [Матн] / С. Шарифова, Н.Зарифӣ // Паёми ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, шумораи №1 (5). - Душанбе, - 2021. - С.61-69.

[3-М] Тоҳириён Ш. Т., Шарифова С. С. Тарбияи насли наврас дар рӯҳияи хештаншиносӣ [Матн] / Ш.Т. Тоҳириён, С.С. Шарифова // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, №4 (40), - Душанбе, - 2022 .- С 135-140.

[4-М] Шарифова С. С. Тарбияи хештаншиносӣ ва ватандӯстии хонандагон зимни таълими мавзуи Темурмалик сарвари мудофиа дар синфи 7-ум [Матн] / С.С. Шарифова // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, №2 (38), - Душанбе, - 2022. - С.146-151.

[5-М] Шарифова С.С. Таълими арзишҳои миллӣ ва алоқаи он бо пажӯҳишҳои илмӣ аз нигоҳи назариявӣ [Матн] / С.С. Шарифова // Паёми Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А. Рудакӣ. №3 (28). – Кулоб. - 2022. – С.75 – 81.

[6-М] Тоҳириён Ш. Т., Шарифова С.С. Асосҳои рушди таффакури хонандагони синфҳои ибтидои ба воситаи афсонаҳои халқи тоҷик [Матн] / Ш.Т. Тоҳириён, С.С. Шарифова // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, №1 (46), - Душанбе, - 2023 .- С.103 – 110.

[7-М] Раҳимзода Х., Шарифова С.С. Татбиқи амалии ташаккули ҳисси хештаншиносӣ дар таълими фанни таърихи умумӣ [Матн] / Х.Раҳимзода, С.С. Шарифова // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, № 4, (44) - Душанбе, - 2023 – С.226- 232.

Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, диссертатсия ва фишурдаи он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва баланд шудани сатҳ ва дараҷаи таҳқиқоти мазкур мегардад. Аз ҷумла:

1. Муҳаққиқ дар масъалаи роҳҳои тарбияи арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон мисолҳо оварда бошад ҳам, барои мукаммалтар намудан ва аз ҷиҳати равонӣ асоснок сохтани муҳтавои диссертатсия намунаҳои аз тақиқоти олимони ватанӣ овардашуда нокифоя мебошанд. Агар аз ҷиҳатии ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои равонии хонандагон низ мавзуъ амиқтар таҳқиқ мегардид, ба диссертатсия арзиши илмии бештар мебахшид.

2. На дар ҳамаи иқтибосҳо сарчашмаи онҳо нишон дода шудаанд, ки иҷрои ин амал арзиши илмии таҳқиқотро афзун мекард.

3. Сарфи назар аз мутобиқати умумии возеҳии забони рисола, бархе аз ақидаҳои муаллиф норавшананд ва дақиқияти мантиқӣ ва услубиро талаб менамоянд.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферат хатогиҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ роҳ ёфтаанд, ки онҳо бароиислоҳу бартарафсозӣ ниёз доранд.

Эродҳои зикргардида арзиши илмию амалии таҳқиқоти диссетатсионии тақризшавандаро коҳиш намедиҳанд.

Мавриди зикр аст, ки тавсияҳои методии коркарду пешниҳодшуда барои пешрафту беҳдошти низоми тарбияи хештаншиносӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ, мақомотҳои масъул мадад расонда метавонанд. Онҳо аз ҷиҳати илмӣ-методӣ асоснок мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи Шарифова Санавбар Саъдулоевна дар мавзуи «Нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси

13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Самиев Тоҳирҷон мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикстон ба номи Садриддин Айнӣ, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Шарифова Санавбар Саъдулоевна иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шудаанд.

Тақризҳоро шахсони зерин фиристодаанд:

1. Юлдошев Умарҷон - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забони русии МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино".

Тақриз мусбат мебошад.

2. Собирова Н.С. – номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи назария ва методикаи тарбияи томактабии факултети психологияи ва таҳсилоти томактабии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров".

Муқарриз эрод надорад. Тақриз мусбат мебошад.

3. Собирзода Сафарбек – номзади илмҳои педагогӣ, муовини ректор оид ба корҳои илм ва инноватсияи Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф.

Муқарриз эрод надорад. Тақриз мусбат мебошад.

4. Неъматуллозода Муробек Музаффар – номзади илмҳои педагогӣ, директори муассисаи давлатии таълимии "Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе".

Муқарриз эрод надорад.

Муқарризони ба автореферат тақриз пешниҳоднамуда қайд мекунанд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талабот ҷавобгӯ буда, довталаби дараҷаи илмӣ Шарифова Санавбар Саъдулоевна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ ва қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 аз 19 июни соли 2025, №68-ИҲ, тибқи банди 61, Низомнома оид ба шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ,

ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки** дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин **иҷро шудаанд:**

- маҷмуи муқаррароти заминаҳои назариявӣ ва методологии арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих **муайян ва асоснок карда шудааст;**
- раванди ташкили фаъолияти таълимӣ-педагогии омӯзгорони фанни таърих оид ба тарбияи худшиносии миллӣ дар омода сохтани хонандагон ба эҳтиром доштани арзишҳои миллӣ **ошкор карда шудааст;**
- роҳҳои оқилона ва самарабахши ворид намудани мафҳумҳои ахлоқӣ ва фарҳангӣ дар амалияи таълимӣ бо назардошти хусусиятҳои равонии хонандагон **коркард ва пешниҳод карда шудааст;**
- равиш ва тавсияҳои консептуалӣ барои омӯзгорони зинаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва олии касбӣ таҳия **карда шудааст;**
- таҷрибаи амалии фаъолияти касбии муаллифи рисола **коркард ва пешниҳод карда шудааст;**
- моҳият, мазмуну муҳтаво ва роҳу шароитҳои нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих **ошкор карда шудааст;**
- нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих муайян, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва ба таври озмоишӣ мавриди санҷиш қарор дода шуда, самаранокии онҳо **собит карда шудааст;**
- тавсияҳои методӣ роҷеъ ба омӯзиши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик дар фаъолияти педагогӣ **коркард ва пешниҳод карда шудааст.**
- самаранокии дар амал татбиқ намудани он ба таври озмоишӣ **санҷида шудааст.**

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- муқаррароту тавсияҳои назариявии дар диссертатсия ироа шуда ба методологияи муносибати системавӣ ва консепсияи илмии педагогиву психологӣ асоснок гардида, ба методҳои назариявӣ такя мекунад, ба таври васеъ мавриди таҳқиқоти минбаъда ва истифода **қарор гирифта метавонад;**
- барои корҳои минбаъдаи илмӣ **кӯмак расонида метавонад;**
- анҷоми ин таҳқиқот метавонад барои нишон додани бартарии арзишҳои миллӣ ва ташаккули худшиносии толибилмон дар раванди таълими фанни таърих **саҳифаҳои нав боз кунад;**
- маводи таҳияшуда дар нашри китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ,

энсиклопедияҳо ва солномаҳо мавриди истифода қарор **истифода қарор гирифта метавонад;**

- хулосаҳои назариявии таҳқиқот ва тавсияҳои амалии он дар фаъолияти сохторҳои дахлдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ барои тарбияи миллии насли наврасу ҷавон ва қишрҳои дигари ҷомеа мавриди истифода **қарор гирифта метавонад;**

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия,** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- таҳияи тарзу воситаҳои ташхисӣ барои муайян ва таҳқиқи кардани нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих ва талаботи онҳо ба худрушддиҳӣ дар шароити муосири муассисаҳои таълимӣ **кӯмак расонанд;**

- барои ҷорӣ намудани тарбияи хештаншиносӣ, тайёр намудани омӯзгорони ояндаи фанни таърих **мусоидат менамояд;**

- барои рушду ташаккули ҳувияти миллии хонандагон **ёрӣ мерасонад;**

- таҳияи тавсияҳо оид ба истифодаи амсилаи омӯзиши нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих, ба таври самаранок ташаккул додани онҳо **фароҳам меоварад**;

- озмоиш ва ҷорӣ намудани барномаи ҳамкориҳои самарабахш оид ба омӯзиши нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносӣ ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик ба худҳавасмандсозӣ, худташкилкунӣ ва худрушддиҳии хонандагон **кӯмак мерасонад;**

- мавод ва натиҷаҳои таҳқиқотро дар амалияи кор бо омӯзгорони зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва дар такмили ихтисоси омӯзгорон **метавонанд** ба таври васеъ **мавриди истифода қарор бигиранд;**

- тавсияҳои илмию педагогии дар кори таҳқиқотӣ коркардшударо омӯзгорон **метавонанд** ҷиҳати баланд бардоштани самарабахшии кор ва сифати таълим **истифода баранд;**

- мухтавои таҳқиқоти мазкурро ҳамчун курси махсус, барои бозомӯзии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **метавон тадрис намуд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳияи барномаҳо, роҳнамо ва дастурҳои методӣ барои омӯзгорон ва воситаҳои таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ **ёрии амалӣ мерасонанд.**

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** нишон доданд, ки дараҷаи асоснокӣ ва дурустии илмиву назариявии таҳқиқоти диссертасионӣ, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшударо бо асосҳои зерин собит месозанд:

- асоснокӣ ва эътимоднокии натиқаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот **таъмин карда шудаанд;**

- маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқотро, ки ба мавзуъ ва ҳадафҳои асосии таҳқиқот мувофиқанд **таъмин карда метавонанд;**

- интихоб ва таҳлили шароит, инчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ **таъмин карда шудаанд;**

- тасдиқи қоидаҳое, ки дар фарзия ва ғояи таҳқиқот пешниҳод шудаанд, **исбот карда шудааст;**

- таҳлилу арзёбӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ бадастомада, **коркард ва самаранокии онҳо исбот карда шудааст;**

- муътамад будани натиҷаҳои ноилшуда ва таҷрибаи амалии фаъолияти касбии муаллифи диссертатсия **асос ёфтаанд;**

- истифодаи методҳои такмилдиҳандаи якдигар, мақсадҳои комилан мувофиқ, вазифаҳо ва мавзуи таҳқиқот, тасдиқи натиҷаҳои таҳқиқот тавассути методҳои оморӣ ва таҳлил **ба даст омадаанд;**

- иштироки бевоситаи муаллиф дар фаъолияти касбии омӯзгорӣ, илмӣ-методӣ, таҳқиқотӣ ва ташкили он дар пойгоҳи озмоишӣ **таъмин карда шудаанд.**

- муқаррароти дар таҳқиқот пешниҳодшуда бо нукоти назариявӣ ва методологӣ, асоснокӣ ва комилан мувофиқ будан бо масъала ва предмети таҳқиқот мувофиқ буда, баланд бардоштани самарабахшии нақши арзишҳои миллиро дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих дар муҳити муосири муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ аз бисёр ҷиҳатҳо **таъмин карда метавонанд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот бо кори озмоишӣ, таҷрибаи шахсии педагогии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ тасдиқ карда шуда, натиҷаҳои ташхису санҷиш ба муқоисаи маълумоти дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастомада (то озмоиш ва баъди озмоиш) **асос ёфтанд;**

- **натиҷаҳои таҳқиқот** дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, мизҳои мудаввару семинарҳои илмиву методӣ ва омӯзишӣ ва ғ. **ироа, тасвиб ва баррасӣ шудаанд**.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар ба амал баровардани фаъолиятҳои зерини илмӣ-таҳқиқотӣ таҷассум меёбад:**

- **дар иштироки бевосита**и муалиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ;

- **дар ҷамъоварии мавод ва таҳлили амиқи** адабиёти илмӣ, таҳлил ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда оид ба масъалаҳои мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда;

- **дар банақшагирии дурусту мувофиқи таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ, таҳлили микдорӣ ва сифатии** маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада;

**- дар истифодаи маҷмуи зиёди методу воситаҳои таҳқиқотӣ** вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот;

**- дар таҳияи воситаҳои ташхис** барои муайян кардани нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих;

**- дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти озмоишӣ**, тасдиқи амалии муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот;

**- дар коркард ва мавриди озмоиш қарор додани** барномаи татбиқи амсилаи нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих;

**- дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ ва тавсияҳои методӣ**, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ ва ироаи натиҷаҳои таҳқиқот, ҷаъбасти натиҷаҳои бадастомада ва коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ.

Дар маҷлис аз 13 сентябри соли 2025, №96 шурои диссертатсионӣ қарор кард, ки Шарифова Санавбар Саъдулоевна ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) сазовор дониста шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 10 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар доктор аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсия баррасишаванда. Овоз доданд:

тарафдор – 9 нафар, муқобили – 1 нафар, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ — Сафаров Шодӣ Асомуродович

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ — Муҳиддинзода Баҳриддин

Санаи барасмиятдарории хулоса: 13.09.2025

Муҳри муассисае, ки дар заминаи он шурои диссертатсионӣ таъсис дода шудааст.